# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пешниҳод шудааст

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30 сентябри соли 2022, №3.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Мирали Абдусамадович»**

Диссертатсияи Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 24 июни соли 2022, №3.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Давлатов Мирали Абдусамадович 27.04. 1980 таваллуд шуда, соли 2006 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси педагогика ва психологияи томактабӣ хатм намудааст (диплом №ДОА №0000579).

Давлатов Мирали Абдусамадович бо фармоиши №8 аз 11.02.2010 ба таълими ғоибонаи зинаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дохил гардида, онро бо фармоиши №33 аз 03.03.2014 хатм намудааст.

Фаъолияти кории худро аз соли 2006 дар вазифаи ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабии факултети омӯзгорӣ (ҳоло факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз намудааст. Солҳои 2007-2010 ба ҳайси муовини декан оид ба тарбияи факултети омӯзгорӣ, солҳои 2011-2013 муовини декан оид ба таълими ғоибонаи факултети мазкур, солҳои 2013-2014 сардори маркази бақайдгирӣ ва иттилоотии НКТ, солҳои 2014-2019 сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, аз моҳи май то октябри соли 2019 ба ҳайси муовини директор оид ба таълими Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, солҳои 2020-2021

ба ҳайси муовини декан оид ба таълими рӯзонаи факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг ва аз 3.06.2021 ба ҳайси декани факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг фаъолият карда истодааст.

Мавзуи рисолаи номзадии худро аз 29.03.2010, №8 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тасдиқ намуда, сараввал зери роҳбарии д.и.п., профессор Қодиров Қодир Бозорович ба таҳияи рисолаи номзадӣ машғул гардидааст. Бо сабаби фавти роҳбари илмӣ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 29.09.2020, №3/4-2 Мирализода А.М. ба ҳайси роҳбари илмӣ таъйин гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 16 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз он 8-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ташкил додаанд.

Давлатов М.А. муҳокимаи даври аввалро 25.02.2022, №7 дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика гузаронида, муҳокимаи даври дуюми диссератсияро дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 25.05.2022, №10 гузаштааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов М.А. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 25.06.2010 бо баҳои хуб, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 28.06.2011 бо баҳои хуб ва Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар таърихи 07.04.2022 бо баҳои аъло супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 07.04.2022, №3 додааст.

Шурои диссертатсонӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 08.07.2022, суратҷаласаи №3.2. диссертатсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба рӯзи ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат тибқи муқаррарот дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 14.07.2022 ҷой дода шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 22 августи соли 2022 ирсол гардидааст.

Автореферати диссертатсия аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матн 81,54%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи унвонҷӯ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба расмият даровара шуда, дар парвандаи атестатсионии унвонҷӯ маҳфузанд.

**Роҳбари илмӣ:** Мирализода А.М. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва м**уқаризони расмӣ: Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва **Гулзода Наҷиба Абдулмажид** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва иқтисодии Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи Давлатов М.А. баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** –Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Давлатов Мирали Абдусамадов бо имзои мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, н.и.п., дотсент Наимов Зариф Ҷомиевич ва ташхисгар, н.и.п., дотсент Арбобова Фароғат Анваровна дар семинари васеи кафедра аз 26-уми августи соли 2022 протоколи №1 ва бо имзои ректори донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор, Ибодуллозода Аҳлиддин аз 26-уми августи соли 2022, тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар рисола дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда хоҳад буд:

1. Муаллифи рисола оид ба роҳҳо ва воситаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар машғулиятҳои берунасинфӣ аз фанни математика маълумоти зиёде ҷамъ оварда, механизми татбиқи онҳоро нишон додааст, аммо вазъи омодагии техникии муассисаҳои таълимиро баррасӣ накардааст;

2. Барои афзоиши фаъолияти маърифатӣ дар раванди ташаккули эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯён дар таълими математика дар қатори пойгоҳи моддию техникӣ, сатҳи омодагии касбии омӯзгорон низ критерияи асосӣ ба ҳисоб меравад, ки муаллифи рисола ин паҳлуи корро ба инобат нагирифтааст;

3. Истифодаи адабиёт бо забони тоҷикӣ доир ба мавзуъ нисбат ба забонҳои дигар камтар ба чашм мерасад;

4. Дар рисола баъзе саҳву иштибоҳоти услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Камбудиҳои зикргардида ба қимати баланди таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи тақризи худ таъкид кардааст, ки диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб

рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Давлатов М.А. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

**8 номгӯйи мақолаҳои илмии** зерини унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

1. *Давлатов, М.А.* «Муоширaт – ҷузъи таркибии фаъолияти педагогӣ» [Матн] / *М.А. Давлатов* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 3/5 (118).- Душанбе, «Сино».- 2013с. – С. 231-236.
2. *Давлатов, М.А.* «Муошироти байниҳамии муаллиму хонандагон ҳамчун масъалаи психологию педагогӣ» [Матн] / *М.А. Давлатов* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 3/6 (121).-Душанбе, «Сино», 2013с.- С.210-214.
3. *Давлатов, М.А.* «Муошират - омили раванди педагогӣ» [Матн] / *М.А. Давлатов* //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/8 (150) Душанбе, «Сино», 2014с.- С. 204-208.
4. *Давлатов, М.А.* «Значение педагогического общения в процессе обучения» [Текст] / *М.А. Давлатов* //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/3 (166).- Душанбе, «Сино»-2015. - С.285-287.
5. *Давлатов, М.А.* «Условия развития готовности учителей начальных классов к педагогическому общению» [Текст] / *М.А. Давлатов* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе, 2017, №3/7 ч. II. - С.197-205.
6. *Давлатов, М.А.*«Подготовка будущих педагогов к педагогическому общению - фактор адаптации» [Текст] / *М.А. Давлатов* //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – Душанбе, №3/1- С.215-223,
7. *Давлатов, М.А.*«Нақши муошират дар тарбияи муаллимони синфҳои ибтидоӣ» [Матн] / М.А. Давлатов, **А.М. Мирализода** //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Бохтар, 2021, №1-4 (92). - С.72-77.
8. *Давлатов, М.А.* «Мутобиқсозии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ» [Матн] / М.А. Давлатов,. **Мирализода, А.М.,** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021, Душанбе , №7.-С.172-178.

**Ба автореферати диссертатсия 3 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

1. Файзализода Ҷумахон Хол – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. Абдураҳимзода Қудратулло Саид – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Мирзоев Абдулазиз Раҷабович, доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Ҳамаи муқарризони автореферати Давлатов М.А. дар тақризи худ мубрамии таҳқиқот ва арзиши илмии онро тасдиқ намуда мавҷудияти саҳву иштибоҳоти имлоӣ, техникию услубӣ ва бо сабаби камтар мавҷуд будани корҳои илмӣ вобаста ба мавзуъ номутаносубии адабиёт бо забони тоҷикӣ ва хориҷӣ, зикри иқтибосҳо дар авторефератро дарҷ намудаанд.

Профессор Файзализода Ҷумахон Хол нуқсонҳои зеринро қайд намудааст:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд агар ҳар як боби таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ибтидо бо бахшҳои “Мулоҳизаҳои муқаддимотӣ” оғоз мешуданд;

2. Ҳаҷм ва андозаи тавсифи бобу хулосаҳои бобҳо дар автореферат мутаносиб нестанд;

Дар тақризҳои профессорон Абдураҳимзода Қудратулло Саид ва Мирзоев Абдулазиз Раҷабович дарҷ гардидааст, ки дар автореферат таносуби ҳаҷм ва андозаи тавсифи бобу хулосаҳои бобҳо андак халалдор шудааст.

Ҳамаи муққаризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Давлатов Мирали Абдусамадович пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Мирали Абдусамадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот арзанда мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002, аз 8-уми июли соли 2022, №3.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– ошкор сохтани хусусиятҳои махсуси ташаккули муоширати педагогии омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани тамоюли рӯоварии омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ дар раванди ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ;

– муайян намудани қобилияти омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани муошırати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии модели илмии мутобиқсозии муаллимони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ, ки аз се қисмати ба ҳам алоқаманд иборат аст: муайян кардани ҳадафҳо; принсипҳо, зинаҳо, шартҳо; баҳодиҳӣ (сатҳи нишондиҳандаҳо).

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Модели мутобиқсозии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад: ташкили раванди муошırати педагогӣ ҳамчун омили мутобиқшавӣ дар асоси ягонагии муносибати ба шахсият ва касбият нигаронидашуда;

2. Муносибати шахсӣ дар ташаккули худогоҳии шахсӣ ва касбӣ ҳангоми амалисозӣ ва бойгардонии таҷрибаи шахсии муошırати омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ инъикос меёбад. Воридкунии мақсадноки омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагии онҳо ба касби омӯзгорӣ такмил ёбад;

3. Барномаи педагогии ташаккули муошırати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ, метавонад ҳамчун низоми бомароми тайёрии касбии омӯзгорон хидмат кунад;

4. Ташаккули муошırати педагогӣ имкон медиҳад, ки дар омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ малакаҳои худтакмилдиҳӣ, худруштдиҳӣ, одат намудан ва мавқеи худро пайдо намудан дар коллектив ва мутобиқ гардидан бо муҳити иҳотакардашуда ташаккул ёбад.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.**Мавқеи истифодаи пурсамари шаклу усулҳои кори таълиму тарбия, фаҳмидани ҷузъҳои муошırати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол аз тарафи омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ; - шароитҳои педагогии ташаккули муошırати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ нисбат ба таълими муосир муайян карда шудаанд; - мақсади асосии самти ҷалби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ дар раванди кори таълиму тарбия ошкор гардид; - дар раванди ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионии пешқадам ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии муошırати педагогии

омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ тадбирҳои судманд андешида шуданд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муқарраротва хулосаҳои дар он овардашуда, модели таҳияшудаи роҳу усулҳои ташаккули муошираги педагогиро бо мақсади баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии омӯзгорони ҷавон ҷиҳати мутобиқшавиашон ба касби педагогӣ таъмин менамояд. Маводи таҳқиқотии омодакардашударо дар фаъолияти амалии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо чунин роҳҳо таъмин карда мешавад: тавассути таҳлили дастовардҳои навтарини илмҳои педагогию психологӣ; интихоби усулҳои иловагии таҳқиқотӣ, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мутобиқанд; намояндагони омӯзгорони интихобшудаи муассисаҳои таълимии пурсидашуда; тасдиқи фарзияи таҳқиқот; натиҷаҳои омӯзиши репродуктивӣ дар шароити гуногун; исботи хусусиятҳои сифатӣ ва усулҳои миқдорӣ ва оморӣ бо истифодаи компютер.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муқарраротва хулосаҳои дар он овардашуда, модели таҳияшудаи роҳу усулҳои ташаккули муошираги педагогиро бо мақсади баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии омӯзгорони ҷавон ҷиҳати мутобиқшавиашон ба касби педагогӣ таъмин менамояд. Маводи таҳқиқотии омодакардашударо дар фаъолияти амалии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин нишон доданд:

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Аз ҷониби муаллиф барномаи татбиқи педагогии сатҳи омодагии касбии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати мутобиқшавии онҳо ба касби педагогӣ таҳия шуда, ҳамзамон, оид ба мутобиқшавии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба касби омӯзгорӣ тавсияҳои методӣ пешниҳод карда шудаанд. Дар қисмати озмоишии таҳқиқот шаклу усулҳои самараноки мутобиқшавии касбии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба касби педагогӣ муайян карда шудааст.

Барои гузаронидани таҳқиқот оид ба мутобиқшавии касбии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба касби педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, методикаи гузаронидани таҳқиқот таҳия карда шуда, оид ба натиҷаи он хулосаҳои мувофиқ бароварда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот тавассути нашрияҳои чопии муаллиф, баромадҳо дар

конфронсҳои ҳарсолаи илмӣ ва амалии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2012-2022), баромадҳо дар семинару курсҳои такмили ихтисоси Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаи Кӯлоб; дар маҷлисҳои кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ амалӣ карда шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 30 сентябри соли 2022, №3.3 қарор қабул кард, ки ба Давлатов Мирали Абдусамадович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар, аз онҳо 4 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 15 нафар,
- муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест,
- бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раисикунандаи ҷаласаи Шурои диссертатсионии
6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, профессор: Қурбонов А.Ш.

Котиби илмии Шурои Диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Рафиев С.А.

30.09.2022

ҶМ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ